**Рафти иҷрои Нақшаи миллӣ вобаста ба ичрои тавсияҳои Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон ба маърӯзаи дуюми миллии даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба татбиқи Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ барои солҳои 2014-2016 дар нимсолаи якуми соли 2016**

Ҷиҳати амалисозии марҳилаи дуюми Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон (зербанди 1 банди 1 Нақша) «Мактаби ҳуқуқи инсон» таъсис дода шудааст. Дар заминаи мактаби мазкур рӯзҳои 25-29 апрели соли 2016 ва рӯзҳои 2-4 майи соли 2016 барои омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва такмили ихтисоси назди вазорату идораҳои давлатӣ дарсҳои омӯзишӣ ташкил карда шуданд. Ғайр аз ин, тарҷумаи санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба роҳ монда шудааст.

Вазорати корҳои дохилӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҳайати шахсӣ оид ба Паймони мазкур ва татбиқи муқаррароти он дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши «Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ»-ро дар давоми соли 2016 ба роҳ монда, омӯзиши такрории онро ба нақша гирифтааст. Дар барномаи семинарҳои омӯзишии кормандони дастгоҳи судҳо масъалаи омӯзиши Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ҷой дода шуда, вобаста ба ин шахсони масъул бо маърӯзаҳо баромад намуданд. Дар Агентии назорати маводи нашъадор низ пайваста бо ҳайати шахсӣ дарсҳои амалӣ ва суҳбатҳои инфиродӣ гузаронида мешавад.

Қобили зикр аст, ки дар доираи Нақшаи миллии зикршуда қарорҳои Пленуми Суди Олӣ «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз ҷониби Тоҷикистон эътироф гардидаанд» ва «Дар бораи татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа» қабул карда шуда, иҷрои онҳо зери назорати доимӣ қарор дорад.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон вобаста ба иҷрои банди 2 Нақша иттилоъ дод, ки бо мақсади таъмини мутобиқати сохтор ва функсияҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба Принсипҳои Париж ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати татбиқи тавсияҳои Кумита оид ба мукаммалсозии фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 15 марти соли 2016 тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуд. Ҳамчунин тибқи тағйироти мазкур вазифаи муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Вобаста ба иҷрои зербанди 1 банди 3 Нақша бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2015, №548 «Дар бораи Нақшаи амали Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» ва фармоиши

Агентии хизмати давлатӣ аз 12 октябри соли 2015, №137 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Агентии хизмати давлатӣ ҷиҳати иҷрои Нақшаи амали Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» барои солҳои 2016-2018» дар Агентии хизмати давлатӣ аз 13 июни соли 2016, №99 Нақшаи амали гурӯҳи кории гендерии доимоамалкунанда оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва таҳлилӣ барои солҳои 2016-2018 тасдиқ гардидааст.

Дар Агентии хизмати давлатӣ ҳар семоҳа таҳлили омории соҳаи хизмати давлатии шаҳрвандӣ гузаронида шуда, ҳолати ҷалби занон ба хизмати давлатӣ низ мавриди омӯзиш қарор дода мешавад.

Мувофиқи таҳлилҳо ба ҳолати 1 апрели соли 2016 теъдоди хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ 18960 нафар мебошанд, аз ин шумора 4224 нафар ё 22,2 фоиз (то 1 январи соли 2016 4226 нафар ё 22,3 фоиз)-ро занон ташкил медиҳанд.

Кадрҳои роҳбарикунанда, ки аз мансабҳои сиёсӣ ва категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм ва чорум иборат мебошанд, 5665 нафар буда, аз ин шумора 1040 нафар ё 18,3 фоизи он занон мебошанд.

Теъдоди занон дар мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи онҳо 2658 нафар ё 22,9 фоиз, дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ 982 нафар ё 26,3 фоиз ва дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот 584 нафар ё 15,9 фоизро ташкил медиҳанд.

Муайян карда шуд, ки теъдоди занон дар мақомоти зерини давлатӣ афзоиш ёфтааст: Агентии хизмати давлатӣ 41,8 фоиз, Агентии омор 39,1 фоиз, Вазорати адлия 35,9 фоиз, Кумитаи кор бо занон ва оила 85,7 фоиз, Кумитаи забон ва истилоҳот 57,1 фоиз, Кумитаи телевизион ва радио 43,3 фоиз, дастгоҳи Маҷлиси намояндагон 49,1 фоиз, дастгоҳи Суди конститутсионӣ 35,3 фоиз, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 40,6 фоиз, Хадамоти алоқа 49,1 фоиз, Саридораи бойгонӣ 66,6 фоиз, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Гулистон 49,3 фоиз, Хоруғ 47,8 фоиз, Истиқлол 47,0 фоиз, Бӯстон 45,0 фоиз, Хуҷанд 43,5 фоиз, ноҳияҳои Шоҳмансур 48,4 фоиз, И. Сомонӣ 44,4 фоиз.

Вазъи иштироки занон ба ҳолати 1 январи соли 2016 дар ҷаласаи ҳайати мушовараи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 феврали соли 2016 мавриди муҳокима қарор гирифта, ба мақомоти давлатӣ ҷиҳати тақвияти фаъолият оид ба ҷалби занон ба хизмати давлатӣ тавсияҳо дода шуд.

Иҷрои зербанди 2 банди 3 Нақша низ пайваста таъмин гардида, дар нимсолаи якуми соли 2016 Агентии хизмати давлатӣ дар ҳамкорӣ бо Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 курси такмили ихтисос, аз он 3 курси азнавтайёркунии касбӣ (аз ҷумла 2 курси сайёр), 13 курси такмили ихтисос (аз ҷумла 8 курси сайёр дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Хуҷанд) доир гардида, дар онҳо 691 нафар хизматчиёни давлатӣ фаро гирифта шуданд, ки занон 224 нафар ё 32,4 фоизи шунавандагонро ташкил доданд. Аз ин 69 нафар занон ва духтарони деҳот мебошанд. Ҳамчунин курси такмили ихтисос барои 77 нафар занони роҳбар ва дар захираи кадрҳобудаи мақомоти

иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз рӯи барномаи «Менеҷменти нави давлатӣ» (46 соат) рӯзҳои 25-30 апрели соли 2016 дар Донишкада доир гардид.

Бо ташаббуси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 20-24 июни соли 2016 курси такмили ихтисос аз рӯи барномаи «Зан-роҳбар» бо иштироки 34 нафар занону духтарон гузаронида шуд. Ба курсҳои зикргардида ба ҳайси лектор 29 нафар мутахассисони варзида аз мақомоти қонунгузор, судӣ, иҷроия ва пажӯҳишгоҳҳои таҳқиқотӣ ҷалб карда шуданд.

Вобаста ба ташаккули дарки зарурати таъмини баробарии имкониятҳо дар тафаккури ҷамъиятӣ (зербанди 3 банди 3 Нақша) Кумитаи кор бо занон ва оила бо иштироки васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ, кормандони соҳаи дин, фаъолзанон, намояндагони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба инъикос намудани ҷанбаҳои гуногуни мушкилоти занон дар ҷомеа, ташаккули дарки баробарии мардону занон ва имкониятҳои баробари онҳо дар мавзӯи «Васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои оилаҳои тарккардашудаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон» ва «Баланд бардоштани иқтидори шариконі маҳаллӣ оид ба хизматрасониҳои самараноки ҳуқуқӣ барои занҳои деҳот дар Тоҷикистон» семинар-тренингҳои омӯзиширо гузаронид.

Вазорати молия оид ба иҷрои банди 3 Нақша иттилоъ дод, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006, №496 барои татбиқи «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016» дар соли 2015 70000 сомонӣ равона гардида, барои соли 2016 барои ин мақсад 72000 сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», пешгирии вайроншавии оилаҳои ҷавон дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд, Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маҳфилҳо ташкил гардида, дар он занону духтарон аз оилаҳои носолим, аз ҷумла даст ба худкушизадагон, занони яккаву танҳо, шавҳаргумкардагон ва заноне, ки шавҳаронашон дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд, ҷалб карда шуданд. Дар чунин маҳфилҳо ба иштирокчиён одоби муоширaт, муносибати байниҳамдигарӣ аз нуқтаи назари равонӣ, роҳандозӣ намудани буҷети оилавӣ, баланд бардоштани маданияти рӯзгордорӣ, расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ, ҳуқуқи зан аз нигоҳи қонун ва шариат омӯзонида шуд. Дар ин радиф китобчаву роликҳои таблиғотӣ таҳия ва паҳн карда шуданд.

Оид ба иҷрои банди 6 Нақша Вазорати корҳои дохилӣ иттилоъ дод, ки аз ҷониби нозирон доир ба мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила дар 5 моҳи соли 2016 ва 12 моҳи соли 2015 145 арзу шикоятҳои шаҳрвандон оид ба зӯроварӣ ба қайд гирифта, таҳти санҷиш қарор дода шудааст, аз

ҷумла раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе 44, раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар вилояти Хатлон 56, раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар вилояти Суғд 31 ва раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар минтақаи Рашт 14 адад. Мувофиқи таҳлилҳо арзу шикоятҳои шаҳрвандон вобаста ба зӯроварӣ дар оила нисбати мардон 115 арзу шикоят ва нисбати занон 30 арзу шикоят мебошад.

Дар миқёси ҷумҳурӣ дар 5 моҳи соли 2016 мувофиқи маълумотномаи раёсатҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе, вилоятҳо ва минтақаи Рашт ва шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳрҳо ва ноҳияҳо аз тарафи нозирони доир ба мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила 34 ҳолати зӯроварӣ дар оила ба қайд гирифта шудааст, аз он ҷумла расонидани зарари миёна ба саломатӣ 4 ҳолат, расонидани зарари сабук ба саломатӣ 12 ҳолат, лату кӯб 14 ҳолат, расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ 3 ҳолат, рафторҳои авбошона дар муҳити зист ва оила 1 ҳолат.

Дар ин давра оид ба зӯроварӣ дар оила 10 парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, 59 мавод аз оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ рад гардидааст, 10 мавод дар истеҳсолот мавриди баррасӣ қарор дошта, 21 мавод ба баррасии дигар мақомот ирсол карда шудааст. То ин давра аз тарафи нозирони доир ба мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила нисбати 45 нафар, ки хушунати хонаводагӣ содир намудаанд, протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, барои риоя накардани талаботи моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» нисбати 99 нафар амрҳои муҳофизатӣ дода шудааст.

Вобаста ба иҷрои банди 7 Нақша дар назди шуъба ва бахшҳои кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 110 марказҳои иттилоотию машваратӣ фаъолият менамоянд, ки ба мурочиаткунандагон маслиҳатҳои ройгони ҳуқуқӣ ва равонӣ расонида мешавад. Инчунин дар назди ташкилотҳои ҷамъиятӣ 33 маркази бухронӣ ва 3 паноҳгоҳи муваққатӣ фаъолият доранд.

Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои зербанди 1 банди 9 Нақша иттилоъ дод, ки ҳар як ҳодисаи фавти гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшавандагон дар тавқифгоҳҳои нигоҳдории муваққатӣ ё тавқифгоҳҳои тафтишотӣ ҳамчун иттилоот дар бораи ҷиноят ба қайд гирифта шуда, аз рӯи он дар муҳлати 3 шабонарӯз ва дар ҳолатҳои истисноӣ, ки дар қонун номбар шудаанд, то даҳ шабонарӯз қарори мурофиавӣ дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ё рад намудан аз оғози он қабул карда мешавад. Тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба истифодаи шиканҷа, инчунин ҳодисаҳои фавти шаҳрвандон ба тобеияти тафтишотии мақомоти прокуратура мансуб буда, бо мақсади таъмини тафтиши саривақтӣ ва самаранокии чунин ҳодисаҳо аз тарафи Прокуратураи генералӣ дастури илмӣ-методӣ таҳти унвони «Заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкили фаъолияти мақомоти прокуратура оид ба пешгирӣ, ошкор ва таҳқиқу тафтиши шиканҷа» таҳия ва ба чоп расонида шуд. Дар он механизмҳои миллӣ ва

байналмилалии пешгирии шиканҷа, инчунин тарзу усулҳои самараноки ошкор ва тафтиш намудани шиканҷа тафсир шудаанд. Аз ҷониби Прокуратураи генералӣ дар ин давра се маротиба ҳолатҳои вайронкунии ҳуқуқҳои шаҳрвандон, истифодаи шиканҷа ва дигар усулҳои номатлуб дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳолатҳои фавт дар тавқифгоҳҳои тафтишотӣ мавриди таҳлилу ҷамъбаст қарор дода шуда, аз натиҷаи онҳо ба роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мактубҳои ахборӣ ирсол карда шуданд.

Вобаста ба иҷрои зербанди 2 банди 9 Нақша Вазорати адлия иловатан Стратегияи ислоҳоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2025 ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба рушди иҷрои ҷазои ҷиноятиро таҳия намуда, он дар баррасии вазорату идораҳо қарор дорад. Бо қабули Стратегияи зикргардида дар назар аст, ки масъалаи маблағгузорӣ барои беҳтар намудани шароити нигаҳдорӣ дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ, аз ҷумла барои пешгирӣ ва табобати бемориҳои сил хубтару беҳтар карда мешавад.

Дар иртибот бо иҷрои банди 15 Нақша Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии амалҳои зӯроварии ҷисмонӣ ва равонӣ нисбати хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ пайваста назорат мебарад. Барои ҳавасмандгардонии шаклҳои ғайризӯроварии нигоҳдории интизом ба сифати чораи алтернативии ҷазои ҷисмонӣ мусоидат намуда, таблиғоти иттилоотӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳонӣ аз оқибатҳои манфии ҷазои ҷисмонӣ ба роҳ монда шудааст. Масъалаи мазкур ҳамчунин дар Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2016, №237) ворид карда шуда, тибқи талаботи банди 61 Низомнома истифодаи усулҳои зӯроварӣ (ҷисмонӣ ва равонӣ) нисбат ба хонандагон дар муассисаи таҳсилоти умумӣ иҷозат дода намешавад ва мутобиқи талаботи банди 62 маҷбуран ҷалб намудани хонандагон ба меҳнате, ки дар барномаҳои таълимӣ пешбинӣ нагардидааст, манъ карда шудааст.

Вазорати корҳои дохилӣ вобаста ба иҷрои зербанди 1 банди 16 Нақша иттилоъ дод, ки дар давоми 6 моҳи соли 2016 аз ҷониби муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ 1526 нафар гумонбаршуда дастгир карда шуда, нисбати 1452 нафари онҳо чораҳои пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан ва нисбати 74 нафари боқимонда чораи пешгирии ғайриҳабсӣ татбиқ карда шудааст. Муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонун нисбати онҳо пурра риоя карда шуда, ягон ҳолати аз муҳлати муқарраршуда зиёд нигоҳ доштани дастгиршудагон ба қайд гирифта нашудааст. Инчунин ба он дастгиршудагоне, ки хоҳиши таъмини ҳимоятгарро намудаанд, ҳатман ҳимоятгар таъмин карда шуда, бо аъзои оила имконияти мулоқот дода шудааст. Муқаррароти қонун дар ин самт, махсусан дар нисбати ноболиғон аз ҷониби муфаттишон ҳатман риоя карда шуда, бо ҳама парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ноболиғон адвокат-ҳимоятгар таъмин гардидааст. Дар давоми 6 моҳи соли 2016 37 нафар ноболиғ барои содир намудани ҷиноят дастгир карда

шуда, нисбати 20 нафари онҳо чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан интихоб карда шудааст.

Вобаста ба иҷрои зербанди 6 банди 18 Нақша бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, №425 Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуда, дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2015, №704 муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ» таъсис ёфтааст. 1 марти соли 2016 аз ҷониби Марказ дар ноҳияи Б. Ғафуров маросими кушодашавии расмии Бюрои давлатии ҳуқуқӣ баргузор карда шуд, ки дар он намояндагони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, намояндаҳои донорҳо ва васоити ахбори омма иштирок доштанд.

Тибқи таҳлилҳои Агентии хизмати давлатӣ дар иртибот бо иҷрои зербанди 1 банди 25 Нақша барои ба хизмати давлатӣ дохил шудани намояндагони ақаллиятҳои миллӣ монеа ва маҳдудият пешбинӣ нашудааст. Дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» пешбинӣ шудааст, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи ичтимоӣ ва молумулкӣ ба хизмати давлатӣ ҳуқуқ доранд. Бо мақсади донистани забони давлатӣ дар мақомоти давлатӣ курсҳои омӯзиши забони давлатӣ ташкил карда мешаванд. Ҳамчунин мутобиқи моддаи 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» барои ақаллиятҳои миллӣ забони русӣ ҳамчунин забони муошират байни миллатҳо боқӣ мемонад. Чунин шахсон метавонанд аз забони модариашон ва дигар забонҳои хориҷӣ истифода намоянд. Мутобиқи бандҳои 6 ва 7 Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2015, №591 тасдиқ шудааст, ҳангоми қабули қарор ва амалӣ намудани ваколатҳои худ хизматчии давлатӣ ҳуқуқ надорад, ки дар асоси мансубияти миллӣ, нажодӣ, ҷинсӣ, забонӣ, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, таҳсил, вазъи иҷтимоӣ, молу мулк ва дигар асосҳо ба шахсе хилофи қонунгузорӣ бартарият ва имтиёз диҳад. Хизматчии давлатӣ бояд ба урфу одатҳои миллатҳо таҳаммулпазирӣ ва арҷгузорӣ намуда, хусусиятҳои фарҳангӣ ё дигар хусусиятҳои гурӯҳҳои этникӣ ва иҷтимоиро ба инобат гирифта, ба созиши байни миллатҳо мусоидат намояд. Бо мақсади таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ тибқи қонунгузорӣ ба тариқи озмун сурат мегирад. Дар баробари озмун инчунин аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ, ротатсияи кадрҳои роҳбарикунанда, таъин аз рӯи квотаҳои давлатӣ ва роҳхати муассисаҳои олии таълимӣ барои мансаби мутахассис механизмҳои дигари ҷобаҷогузории кадрҳо буда, ҷиҳати таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва болоравии мансабии онҳо новобаста ба миллату халқият амалӣ гардонида мешавад.

Ба ҳолати 1 апрели соли 2016 аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 17437 нафар ё 92,0 % тоҷикон, 52 нафар ё 0,2 % русҳо, 1346 нафар ё 7,1 % ӯзбекон, 96 нафар ё 0,5 % қирғизон ва 29 нафар ё 0,1 % дигар миллатҳо мебошанд.

Дар мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи онҳо тоҷикон 10897 нафар ё 94,1 %, русҳо 47 нафар ё 0,4 %, ӯзбекон 554 нафар ё 4,7 %, қирғизон 51 нафар ё 0,4 %, дигар миллатҳо 20 нафар ё 0,1 % мебошанд.

Дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ тоҷикон 3476 нафар ё 93,2 %, русҳо 5 нафар ё 0,1 %, ӯзбекон 193 нафар ё 5,1 %, қирғизон 49 нафар ё 1,3 %, дигар миллатҳо 3 нафар ё 0,08 % ва дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот тоҷикон 3063 нафар ё 83,5 %, ӯзбекон 530 нафар ё 14,4 %, қирғизон 66 нафар ё 1,8 %, дигар миллатҳо 6 нафар ё 0,1 % кор мекунанд.

Аз шумораи 5665 нафар кадрҳои роҳбарикунанда тоҷикон 5288 нафар ё 93,3 %, русҳо 14 нафар ё 0,2 %, ӯзбекон 303 нафар ё 5,3 %, қирғизон 52 нафар ё 0,9 %, дигар миллатҳо 8 нафар ё 0,1 % мебошанд.

Дар мансабҳои роҳбарикунандаи мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи онҳо 3038 нафар, тоҷикон 2918 нафар ё 96,0 %, русҳо 12 нафар ё 0,3%, ӯзбекон 95 нафар ё 3,1 %, қирғизон 8 нафар ё 0,2 %, дигар миллатҳо 5 нафар ё 0,1 % мебошанд.

Дар мансабҳои роҳбарикунандаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ 1434 нафар, тоҷикон 1344 нафар ё 93,7 %, русҳо 2 нафар ё 0,1 %, ӯзбекон 65 нафар ё 4,5 %, қирғизон 22 нафар ё 1,5 %, дигар миллатҳо 1 нафар ё 0,06 % мебошанд.

Дар мансабҳои роҳбарикунандаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот 1193 нафар, тоҷикон 1026 нафар ё 86,0 %, ӯзбекон 143 нафар ё 11,9 %, қирғизон 22 нафар ё 1,8 %, дигар миллатҳо 2 нафар ё 0,1 % мебошанд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон оид ба иҷрои банди 26 Нақша иттилоъ дод, ки ҷиҳати баланд бардоштани огоҳии мақомоти судӣ, қонунгузор ва иҷроия, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва оммаи васеи аҳолӣ тавсияҳои Кумитаи оид ба ҳуқуқи инсон ва дигар сохторҳои қарордодии СММ ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр гардида, зимни вохӯрӣ ва чорабиниҳо дар байни омма паҳн карда мешаванд. Дар торнамо ва маҷаллаи «Ахбори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон» тарғибу ташвиқи ҳуҷҷатҳои зикргардида ба роҳ монда шудааст. Ҳамчунин торнамои расмии Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳа ҳуқуқи инсон (www.khit.tj) расман ба фаъолият шурӯъ кард. Таҳияи чунин як торнамои алоҳида дар таҷрибаи давлатҳои ИДМ бори аввал буда, дар он тамоми маълумоти зарурӣ вобаста ба фаъолият, салоҳият ва ҳуқуқу вазифаҳои ин мақом дарҷ гардидаанд. Ҳамчунин дар саҳифаҳои алоҳидаи он гузоришҳои миллӣ ва алтернативӣ ҷой дода шудааст, ки ин ҳам яке аз пешравиҳои назаррас дар самти ташвиқу тарғиб ва пешрафти ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад.

Гузориши мазкур фосилавӣ буда, оид ба рафти иҷрои минбаъдаи Нақшаи миллӣ вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон ба маърӯзаи дуюми миллии даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба татбиқи Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ барои солҳои 2014-2016 тибқи тартиби муқарраршуда маълумот пешниҳод мегардад.